**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 35/2с

аз «20» 04 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №200 «Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 феврали соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 11 феврали то 27 марти соли 2020 гузаронида шуда, аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омузиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки:

1. Сархати якуми қисми 1 модди 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" инъикосӣ намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқиро талаб менамояд. Талаботи мазкур дуруст ичро нагардидааст. Пешниҳод менамоем, ки он ба таври зайл инъикос карда шавад: "Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2013, №305".

2. Талаботи сархати сеюми қисми 1 модди 36 Қонуни зикргардида, пурра ва дуруст ичро нагардидааст. Пешниҳод менамоем, ки он ба таври зайл баён карда шавад: "Дар сурати қабул гардидани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодгардида, он ба доираи шахсони (субъектони) зерин паҳн мегардад: ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт мегузаронанд, аз ҷумла:

1) ташкилотҳои қарзӣ;

2) иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок;

3) ташкилотҳои суғурта ва иҷораи молиявӣ (лизинг);

4) ташкилотҳои алоқаи почта;

5) ломбардҳо;

6) ташкилотҳое, ки молу мулки ғайриманқул, фулузоту сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти заргарӣ, инчунин шикастапораҳои ин маснуотро хариду фурӯш мекунанд;

7) ташкилотҳое, ки тотализатор ва идораҳои букмекерӣ доранд, инчунин бозиҳои лотерея ва дигар бозиҳои бурднокро барпо мекунанд, ки дар онҳо ташкилкунанда дар байни иштирокчиён фонди ҷоизавӣ, аз ҷумла дар шакли электронӣ мегузорад;

8) ташкилотҳое, ки фондҳои сармоягузорӣ ё фондҳои ғайридавлатии нафақаро идора мекунанд;

9) адвокатҳо, шахсоне, ки фаъолияти нотариалиро анҷом медиҳанд, дигар ҳуқуқшиносон ва муҳосибони мустақил, соҳибкорони инфиродие, ки

ҳангоми омода ё анҷом додани аҳдҳои муштариёни худ барои хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул, идоракунии маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё диғар молу мулки муштариён хизмати ҳуқуқӣ мерасонанд, идоракунии суратҳисобҳои бонкӣ, амонатӣ ё суратҳисоби қоғазҳои қиматнок, инчунин ҷамъи маблағҳо барои таъсис, таъмини фаъолият ё идора қардани ширкатҳо ва таъсиси онҳо, таъмини фаъолият ё идоракунии шахси ҳуқуқӣ ё ташкили хариду фурӯши корхонаҳоро анҷом медиҳанд;

10) ширкатҳои аудиторӣ, аудиторҳои инфиродӣ;

11) ташкилотҳое, ки барои траст ё ташкили ширкатҳо хизмати худро пешниҳод мекунанд;

12) нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ;

13) нуқтаҳои ғумрукии хадамоти ғумрук, ки дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамлу нақли маблағҳои пулии нақд ва ҳуҷҷатҳои муомилоти манзурии резидентҳо ва ғайрирезидентҳо назорат мекунад.

3. Талаботи сархати шашуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни болозикр, дуруст пур карда нашудааст. Гарчанде, таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқукӣ ворид нағардида бошанд ҳам, таҳиякунанда хулоса додааст, ки лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардидааст.

Дар робита ба масъалаи мазкур, ҳамзамон мавриди тазаккур аст, ки мутобиқи банди 15 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, № 355 тасдиқ шудааст, таҳиякунанда уҳдадор аст тамоми таклифҳои пешниҳодшударо, ки дар мӯҳлати муқарраршуда дар иртибот бо баргузор намудани машварати оммавии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ дохил шудаанд баррасӣ намуда, маҷмӯи таклифҳоро бо нишон додани маълумот дар бораи ба ҳисоб гирифтан ё сабаби рад намудани онҳо тартиб диҳанд,

ки онро роҳбари воҳиди сохтории мақомоти давлатии масъули тайёр намудани лоиҳа имзо мегузорад. Мувофиқи банди 16 бошад, аз рӯи натиҷаи машварати оммавӣ таҳиякунанда лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳисоботи онро (таҳлили таъсири танзимкуниро) такмил медиҳад.

4. Талаботи сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни зикргардида, масъалаи тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки ягон амал андешида нашавад, ба таври пурра ва мушаххас тавсиф карда нашуда, танҳо асосҳои ҳуқуқии қабули лоиҳаи мазкур дарҷ гардидаасту халос.

5. Талаботи сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонун аз ҷумла, маълумот вобаста ба уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот, мухтасар тавсиф дода нашудааст.

6. Талаботи сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонун оид ба арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии он, муфассал арзёбӣ нашудааст.

Бо дарназардошти асосҳои болозикр маълум мегардад, ки аз тарафи таҳиякунанда талаботи муқаррарнамудаи қисми якуми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” риоя нагардида, таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа маълумоти зарурии муқаррарнамудаи қонунгузориро дар бар намегирад.

Ҳамчунин, таҳлили ҳуқуқии масъала нишон дод, ки дар банди 2 лоиҳа ибораи “маблағи муқарраршуда” истифода гардидааст. Тибқи талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи

зиддикоррупсионии санадҳои меъерии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» масъалаи мазкур метавонад ҳамчун омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, арзёбӣ гардад. Зеро, талабот номуайян буда, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонад монеаҳоро эҷод намояд. Дар тавсияҳои ФАТФ ҳадди ниҳоии маблағи мазкур 15000 доллари амрикоӣ/евро муайян гардида, дар Дастурамал низ ҳаҷми ниҳоии маблағ дақиқ, яъне 70000 сомонӣ нишон дода шудааст. Бинобар ин, мувофиқи мақсад мебошад, ки ибораи зикршуда бо меъёри ҳаволакунанда ба тавсияҳои ФАТФ ё маблағи муайян дақиқ дарҷ карда шавад.

Тибқи талаботи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса пешниҳод менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор Саидзода И.Ҳ.